# марде назди Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) омад ва дар бораи чизе бо ӯ гуфтугӯ кард. Пас гуфт: Он чи Аллоҳ бихоҳад ва ту бихоҳӣ. Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Оё манро бо Аллоҳ баробар қарор додӣ? Бигӯ: Танҳо он чи Аллоҳ бихоҳад

Аз Абдуллоҳ ибни Аббос (разияллоҳу анҳумо) ривоят аст, ки марде назди Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) омад ва дар бораи чизе бо ӯ гуфтугӯ кард. Пас гуфт: Он чи Аллоҳ бихоҳад ва ту бихоҳӣ. Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Оё манро бо Аллоҳ баробар қарор додӣ? Бигӯ: Танҳо он чи Аллоҳ бихоҳад."

[Иснодаш ҳасан аст] [رواه ابن ماجه والنسائي في الكبرى وأحمد]

Марде назди Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) омад ва дар бораи коре бо ӯ гуфтугӯ кард, сипас гуфт: "Он чи Аллоҳ бихоҳад ва ту бихоҳӣ." Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ин сухани ӯро инкор кард ва ба ӯ фармуд, ки атфи хостаи махлуқ бар хостаи Аллоҳ бо ҳарфи "вов" ширки асғар аст ва барои мусалмон ҷоиз нест, ки чунин бигӯяд. Сипас ӯро ба сухани дуруст роҳнамоӣ кард, ки чунин гуфта мешавад: "Ҳар чи Аллоҳ бихоҳад." Яъне, дар ирода ва машият танҳо бояд аз Аллоҳ ном бурда шавад ва хостаи дигаре бо ягон навъи атф (аз ҷумла "вов") ба ӯ маътуф нашавад.



النجاة الخيرية
ALNAJAT CHARITY
لجنة الدعوة الإلكترونية
EDC E-Da'wah Committee